Тасдиқ мекунам
Сардори Хадамоти назорати
давлатии санитарию эпидемиологӣ
Қурбонзода Ш.
«__» ______ соли 2022, №__

Дастурамал

Оиди тартиби пай дар пайи амалҳои модули Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидимологӣ дар доираи низоми "Равзанаи ягона"-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитии молу маҳсулотҳо дар гузаргоҳҳои байнисарҳадии ҷумҳурӣ.

Дастурамал оиди тартиби иҷрои пай дар пайи амалҳо дар низоми "Равзанаи ягона" ҷиҳати барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ" (минбаъд-Дастурамал) тарзи тартиби истифодаи "Хулосаи санитарию эпидемиологӣ"-ро дар доираи низоми "Равзанаи ягона" муайян менамояд.

Муқаррароти умумӣ

Низоми "Равзанаи ягона" талаботи муосири замон ба ҳисоб рафта, принсипи кории он аз талаботи қаблӣ фарқи калон дорад. Тавассути низоми "Равзанаи ягона" Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва марказҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар фурудгоҳҳои байналмиллалӣ, гузаргоҳҳои байнисарҳадӣ ва нуқтаҳои санитарию карантинӣ имконияти дар муҳлати кӯтоҳтарин барои содирот, воридот ва молу маҳсулотҳои транзитӣ, додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ ва назорати онро дорад. Инчунин имконияти таҳти назорат қарор додани ҳамаи амалиётҳои марбут ба сохтори худро дар саросари ҷумҳурӣ қобилият дорад. Низом бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 сентябри соли 2020 таҳти № 410 мавриди амал қарор дода шудааст. Мақсад аз ҷорӣ намудани низом ин соддагардонии расмиёти савдо дар амалиёти воридот, содирот ва транзити молу маҳсулотҳо ба ҳисоб рафта, инчунин кам намудани сарфи вақт дар амалиёти барасмиятдарориро танзим менамояд.

Фармоиш

Ҳангоми муроҷиат аз тарафи истифодабарондагони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, барои дастрас намудани хулосаи санитарию эпидемиологӣ, дар амалиёти воридот, содирот ва транзити молу маҳсулотҳо мутахассисони омӯзонидашудаи зерсохторҳои Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ лозим мебошанд, ки аризаи соҳибкорро тариқи электронӣ талаб намоянд.

Раванди коркарди дархостро бо пахши панҷ амал метавон ба анҷом расонд.(Иҷозатдодашуда ҳисоб меёбад)

Қадами якум. Ҳангоми дар ҳолати "Пешниҳодшуда" қарор доштани дархост, шахси масъулро лозим аст, ки майдончаи "Рақами бақайдгирӣ"-ро пур карда сипас тугмачаи "Бақайдгирӣ"-ро пахш намояд.

Қадами дуюм. Баъд аз ба қайд гирифтани дархост, шахси масъулро лозим аст, ки дархостро ба мутахассис вобаста намояд. Пас аз интихоб намудани иҷрокунанда, тугмачаи "Фармудан"-ро пахш менамояд. Баъд аз ин амалиёт, дархост ба иҷрокунанда аён мегардад.

Қадами сеюм. Иҷрокунанда (Мутахассис) корҳои санҷишии худро иҷро карда, дар анҷоми кори худ тугмачаи "Азназаргузаронӣ"- ро пахш менамояд.

Қадами чорум. Шахси масъул маълумоти ба иҷозат раводитро дар низоми "Равзанаи ягона" ворид карда, дар анҷоми кори худ тугмачаи "Муайянкунӣ"-ро пахш менамояд.

Қадами панҷум. Роҳбари воҳиди сохтори дахлдор корҳои анҷомёфтаро аз назар гузаронида, дар сурати ба талабот ҷавобгӯ будани дархост, дар анҷоми кори худ тугмачаи "Иҷозат додан"-ро пахш менамояд.

Инчунин, дар низоми "Равзанаи ягона" якчанд тукмачаҳои ёрирасони дигар низ мавҷуд аст. Масалан: ("Эзоҳро гузоред, қатъ кардан, назорати такрорӣ, азназаргузаронии такрорӣ, ҷавоби рад, сабт, маълумоти иловагӣ, қатъ намудани бақайдгирӣ, сабти pdf,) мебошанд.

Тугмачаи "Эзоҳро гузоред". Ин тугмача дар он ҳолате истифода бурда мешавад, ки "Гуфтани ба дархостдиҳанда фиристода мешавад". Ҳангоми пахши тукмачаи ишора дар дохили модули зерин қарордоштаро, ки сабти "Дархостдиҳандаро огоҳ сохтан" ба дархостдиҳанда паёмак хабар равон карда мешавад.

Тугмачаи "Қатъ кардан". Ҳангоми пахши ин тукмача дархост бекор карда мешавад. Дархост ҳолати "Бекор кардашуда"-ро мегирад. Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди бекор гаштани дархости ӯ паёмак хабар равон мешавад.

Тугмачаи "Назорати такрорӣ". Тавасути ин тукмача дархости электронӣ бозпас гардонида мешавад ба иҷрочӣ "корманди Хадамот ё зерсохтори он" барои ислоҳот. Дархост аз ҳолати "Азназаргузаронидашуда" ба ҳолати "Бақайдгирифташуда" мегузарад.

Тугмачаи "Аз назар гузаронии такрорӣ" Тавасути ин тукмача дархости электронӣ бозпас гардонида мешавад ба иҷрочи "корманди Хадамот ё зерсохтори он" барои ислоҳот. Дархост аз ҳолати "Иҷозатдодашуда" ба ҳолати "Бақайдгирифташуда мегузарад" Ба ин амал дастраси дорад роҳбарият.

Тугмачаи "Ҷавоби рад". Тавасути ин тукмача дархости электронӣ бекор карда мешавад. Ба ин амал дастраси дорад иҷрочи "корманди Хадамот ё зерсохтори он". Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди бекор гаштани дархости ӯ паёмак хабар равон мешавад.

ДУРУСТ
ВЕРНО

Регламенти баррасии дархост тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар намуда, риоя карда шавад.

Тартиби бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва молро муқаррар намуда, риоя карда шаванд.

Хадамот, марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар терминалҳои фурудгоҳҳои байналмиллалӣ, нуқтаҳои санитарию карантинии назди гузаргоҳҳои байнисарҳадӣ ва терминалҳои барасмиятдарории гумрукӣ дар доираи низоми "Равзанаи ягона" кор ва фаъолияти худро ба роҳ гузоранд.

Хазинадорӣ, маблағгузориро Хадамот ва марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар доираи низоми "Равзанаи ягона" кор ва фаъолияти худро ба роҳ гузоранд.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ дар амалиёти воридот, содирот ва транзити молу маҳсулотҳо дар бланкаи электронии QR-код дошта, ки шаклаш аз тарафи Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Вазир тасдиқшудааст аз дохили низом чоп карда шавад.

Бастаи ҳуҷҷатҳо дар омили қоғази ҷамъовари.намудан манъ карда шавад. Бо ин тартиб хароҷоти иловагӣ аз ҷониби Хадамот ва марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ кам мегардад.

Дастурамали истифодабарии низом.

Барои корбарӣ кардани дархостҳои электронӣ ба мутахассисони Хадамот ва зерсохторҳои он лозим аст, ки бо истифодаи рамзи худ ба сомонаи "Равзанаи ягона" "portal.swcustoms.tj" ворид шуда, нақши хешро дар низом ҳамчун мутахассисони Хадамот ва зерсохторҳои он дахлдор интихоб намояд.

Ҳамаи муроҷиатҳои электронии истифодабарандагони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар модули "Замимаҳои ман" ҷамъоварӣ мегардад. Ҳангоми пахш кардани тугмачаи "Замимаҳои ман" модул кушода мешавад ва моро лозим аст, ки навиштаҷоти "Хулосаи санитарию эпидемиологӣ"-ро пахш намоем. Пас аз ин амал саҳифаи дигар кушода мешавад. Як сатри модул, як дархости истифодабарандагони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошад, барои ворид шудан ба дархости электронӣ аз тугмачаи қаламча истифода мебарем. Ҳангоми ба дархост ворид шудан якчанд саҳифаҳо пайдо мегардад.*(Маълумоти бақайдгирӣ,Тарафҳо, Интиқол, Мол, Ҳуҷҷатҳои замимашаванда, Эзоҳ,).*

Ҳар як саҳифа маълумотҳои худро дорад, ки аз тарафи истифодабарандагони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ он майдончаҳо пур карда шудаанд. Мутахассисони Хадамот ва зерсохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, имконияти тағйир додани маълумотҳои пуркардаи истифодабарандагони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ-ро надоранд, тағйирот ворид намудан ба маълумоти фиристодашуда танҳо дархостдиҳанда имконият дорад ва он ҳам бо иҷозати Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ амалӣ мегардад.

ДУРУСТ
ВЕРНО

Тугмачаи “Маълумоти иловагӣ”. Тавасути ин тукмача дархости электронӣ ба дархостиҳанда барои ислоҳоти дархости электронӣ бозпас гардонида мешавад. Ба ин амал дастраси дорад иҷрочи “корманди Хадамот ё зерсохтори он”. Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди ислоҳот ворид намудан ба дархости электрони паёмак хабар равон мешавад.

Тугмачаи “Қатъ намудани бақайдгирӣ”. Тавасути ин тукмача дархости электронӣ бекор карда мешавад. Ба ин амал дастраси дорад корманди бақайдгирии дархостҳои Хадамот ва зерсохтори он. Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди бекор гаштани дархости ӯ паёмак хабар равон мешавад.

Тугмачаи “Чоп”. Тавасути ин тукмача аз низом бланкаи электронӣ “Хулосаи санитарию эпидемиологӣ” ташакул дода гирифта мешавад.

Тугмачаи “Сабт”. Тавасути ин тукмача метавон тағйиротҳои воридкардашударо дар дархости электронӣ сабт менамоем. Ба ин амал дастраси дорад шахси масъул.

Вобаста ба тартиби пай дар пайи амалҳои модули низоми “Равзанаи ягона”-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитии молу маҳсулотҳо дар Марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар терминалҳои фурудгоҳҳои байналмиллалӣ, нуқтаҳои санитарию карантинии назди гузаргоҳҳои байнисарҳадӣ ва терминалҳои барасмиятдарории гумрукӣ аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидимологӣ назорат бурда мешавад.

ДУРУСТ
ВЕРНО